**Тақриз**

**ба автореферати диссертатсияи Каримӣ Шаҳноз Аъзамҷон дар мавзӯи “Муносибати ангезандагӣ ба такмили ихтисоси омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ дар низоми муосири маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 - назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04 - Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ)**

Маълум аст, ки самтҳои афзалиятноку муосири инкишофи ҷомеа ва зарурати азнавсозии таҳсилот муассисаҳои таълимиро дар шароити нави фаъолият қарор медиҳад. Яке аз ин самт, ки самаранокии таълимро инъикос мекунад, ин талаботе мебошад, ки дар ҷараёни ташкили раванди таълим, сифати таҳсилот, мувофиқати он ба стандарти давлатӣ ба миён меояд. Мактаб барои ҷомеа ва давлат ҳамчун муассиса, на танҳо масъули таълим, ҳамзамон масъули тарбия ва саломатии хонандагон маҳсуб меёбад. Мушоҳидаву таҷрибаҳо нишон додаанд, ки яке аз самаранoктарин тамоюли омӯзишии муассисаҳои таълимӣ ин коркарди технологияҳои самаранок ва роҳу усулҳои ҳифзи хубтару беҳтари саломатӣ, таълим, тарбия ва рушд пазируфта шудааст.

Таҷриба ва мушоҳидаҳои фаъолияти омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ собит месозад, ки раванди фаъолияти онҳо се роҳи асосии инкишофи касбияти салоҳиятнокиро дар бар мегирад. Ин ҳам бошад, фаъолияти доимӣ аз болои ба даст овардани донишҳои нав, худомӯзӣ ва такмили малакаҳои пештар ба дастоварда, вориднамоии онҳо ба раванди таълим, азнавсозии ҳаёти ботинии худи омӯзгор ба ҳисоб меравад.

Муайян карда шудааст, ки саромади таҳаввулоти иҷтимоӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии ҷомеа танҳо ба фаъолияти касбии омӯзгор асос меёбанд. Омӯзгоре, ки бо нерӯ ва иқтидори зарурии зеҳнӣ, илмӣ ва методӣ мусаллаҳ аст, метавонад, масири зиндагии иҷтимоъро тағйир диҳад ва ҷомеаро бо роҳи ақлу хирад ва илму дониш роҳандозӣ намояд. Омӯзгоре, ки биниши илмӣ дорад, ҳама он ҳодисаву воқеаҳои ҷаҳони

имрӯзаро бо диди тоза ва орӣ аз таассубу хурофот ба хонанда, шунаванда, донишҷӯ мерасонад. Мушоҳидаҳо собит сохтаанд, ки на ҳама омӯзгоре, ки касби омӯзгори муассисаҳои таълимиро пеша кардааст, аз ин тарҷеҳ огоҳӣ дорад ва дар таъбиру тавзеҳи масоили гуногуни иҷтимоию сиёсӣ, фарҳангию иқтисодӣ, илмию фалсафӣ ва ахлоқию маърифатӣ, ки дар раванди таълим зуҳур мекунанд, маҳорату малака ва донишу биниши зарурӣ дорад.

Муаллиф дараҷаи илмии навгонӣ, моҳияти назариявӣ ва амалии ташкили маҳорати касбиро ба масъалаи татбиқи фаъолияти эҷодкоронаи омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ дар раванди таълими мактаббачагони хурдсол муайян намудааст. Таҳлилу истифодаи методҳои тадқиқотии педагогӣ, мақсаду вазифаҳои онро ҳуҷҷатҳои меъёриву ҳуқуқӣ ва озмоишҳои муқарраркунанда ва инкишофдиҳанда (тест, анкета, саволномаҳо) тасдиқ менамояд.

Боби аввал таҳти унвони «Асосҳои назариявии салоҳияти касбӣ дар муносибати ангезандагӣ ҳамчун талаботи асосии такмили ихтисоси омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ» омода карда шуда, ин фасл бобати омӯзиши адабиёти фалсафӣ, психологию педагогӣ роҷеъ ба масъалаҳои маърифат, салоҳият, маҳорат, фаъолият, ҷанбаҳои гуногуни таълим ва тарбия ба мо имкон дод, то ба хулосае расем, ки масъалаи салоҳиятнокӣ, ки фаъолияти байнифаннӣ ва бисёрҷанба мебошад, вариантҳои мухталифи ҳалли онро пешбинӣ менамояд. Имрӯз таърифи ягонаи мафҳумҳои "салоҳият", "салоҳияти касбӣ", "тахассусмандӣ", "дараҷаи ихтисос" ва ғ. вуҷуд надорад.

Боби дувуми рисола атрофи масъалаи "Технологияи мукаммалгардонии мазмун ва сифати чорабиниҳо оид ба такмили ихтисоси омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ ва шаклгирии муносибати ангезандагӣ" баҳс намуда, дар он масъалаҳои меъёрҳо ва сатҳи ташаккули омодагии омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ ба муносибати

салоҳиятнок, роҳ ва воситаҳои ташаккули омодагии касбии омӯзгор дар раванди таълим, инчунин самаранокии педагогии ташаккули сифатҳои касбии омӯзгори синфҳои ибтидоӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст.

Дар автореферат қайд мешавад, ки мувофиқат намудани маҳорату малакаҳои таълимдиҳии омӯзгори синфҳои ибтидоӣ ба вазифаи касбӣ ва хусусиятҳои он мақсади асосӣ маҳсуб меёбад. Омӯзгор ҳамчун субъекти фаъолияти педагогӣ саҳми худро на фақат дар таъмини фаъолияти педагогӣ мегузорад, балки тавассути такмили ихтисоси худ дар таҳаввули раванди касбӣ ва дар тӯли тамоми фаъолият ва ҳаёти худ онро идома медиҳад.

Ҷоиз ба таъкид аст, ки донишу малака доштан ё надоштан ин ҳанӯз маънои сатҳи азхудкунӣ ё нодонии онҳоро надорад. Доираи истифодаи онҳо гуногунанд ва ҳар як зинаи қаблии аз рӯи сифат аъло, таносуби як чизи томро ифода мекунад. Ҳама гуна давраи қаблӣ ба худ зинаи омодагӣ ба зинаи дигарро дорад, ки дар дохили он дар ибтидо ба сифати мақсад, ҳамон қувва ва муносибат, ҳамчун раҳнамо барои марҳилаи нав инкишоф меёбад.

Ҳамин тавр, таҳқиқоти анҷомёфта тамоми ҷанбаҳои масъалаҳои инкишофи салоҳиятҳои касбӣ, маҳорат ва ҷаҳонбинӣ дар раванди таълим ва омодагии омӯзгорони ояндаро барои рушди нерӯи тахассусмандӣ фаро мегирад. Зарур аст, ки таҳқиқи амиқтари имконоти ҳар як силсилаи фанҳои дар донишгоҳ омӯхташаванда дар ташаккули касбият анҷом ёбад.

Кори тадқиқотии анҷом ёфтаро баҳои баланд дода, дар асоси таҳлилҳои дар автореферати диссертатсияи манзур намудаи муҳаққиқ, яке мулоҳизаро қайд менамоем, ки дар матни автореферат баъзе ғалатҳои имловӣ мушоҳида мегарданд. Вале ин ғалатҳо ба мазмуни автореферат таъсири манфӣ намерасонад, зеро тадқиқоти гузаронидаи Каримӣ Ш.А. дар худ муваффақияти илмии муайянеро касб намуда, ба илми педагогика саҳми назаррасе гузоштааст.

Дар асоси таҳлили афтореферат мо ба хулосае омадем, ки таҳқиқотии диссертатсионии Каримӣ Ш.А. ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мавриди диссертатсияҳои номзадӣ ба пуррагӣ ҷавобгӯй буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 - Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04 - Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ) мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
Номзади илмҳои педагогӣ,
дотсенти кафедраи фанҳои риёзӣ- табиатшиносии муосири Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон Азимова Назира Самадовна

Имзои Н.С. Азимоваро тасдиқ мекунам.
Сардори РК ва КМ - и Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон И.Ҳ. Мирпоччоев

**Суроға:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд,
маҳаллаи 17, хонаи 1. тел. +992(3422)-23811, мобилӣ: +992(92)7077107
Почтаи электронӣ: nazira-tgu@mail.ru
Вэб сомона: www.tsulbp.tj

18.12.2023